# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзӯи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои гирифтани унвони илмии доктори (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосири бозоргонӣ фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулот, усули нави идоракунии стратегии рушди корхонаҳои кишоварзӣ ва субъектҳои хоҷагидориро талаб менамояд.

Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои кишоварзӣ бе таҷдиди соҳа дар мантиқи манфиатҳои саноатии занҷираи коркарди истеҳсоли маҳсулоти ниҳой, принсипҳои босамари хоҷагидорӣ, консепсияи фаъолияти системаҳои худташкил ғайриимкон аст.

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муштараки байни субъектҳои хоҷагидор, дар асоси идоракунии устувори тамоми навъи захираҳо имкон медиҳад, ки системаи корхонаҳои агросаноатии ҳамгироиро ташаккул ва ҷорӣ намоянд.

Дар айни замон, мақсади асосии ҳамгирой ин ҷалби сармоя ба корхонаҳои ҳуқуқии мустақили маҷмааи агросаноатӣ, худмаблағгузории системаи агротехникии корхонаҳо ва унсурҳои сохтории он мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои бозоргонӣ ҳалли масъалаҳои озуқаворӣ аҳамияти махсусро касб намудааст, зеро он бевосита ба устувории сатҳи иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири худро мерасонад. Дар айни замон, ҳангоми нокифоя будани таъминоти бахши аграрӣ бо захираҳои истеҳсолӣ, якбора бад гардидани вазъи молиявии истеҳсолкунандагони молу маҳсулот, таҳия ва тадбиқи низоми ҳамаҷониба тадбирҳое, ки ба устуворӣ ва рушди минбаъдаи самаранокии соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудаанд, аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Гузариши Тоҷикистон ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ аз гуногунии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ иборат аст. Дар робита ба ин зарур аст, ки ба масъалаи ҳамкорӣ байни корхонаҳои кишоварзӣ ва муҳити берунаи онҳо аз ҷиҳати равандҳои мутобиқшавӣ ва худташкилнамоӣ, ҳамчун шарти баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори ватанӣ ва ҷаҳонӣ диққати ҷиддӣ дод. Дар ин маврид мутобиқшавии корхонаҳо ба шароити

тағйирёбии муҳити беруна ва дохилӣ, инчунин масъалаҳои идоракунии стратегии корхонаҳо аҳамияти махсус дорад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки тадбиқи рушди иқтисоди бозорӣ дар мисоли иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда, ки ба қуллаҳои баланди рушди муносибати бозорӣ расонидаанд, нишон медихад, ки рақобат дар бозори ҷаҳонӣ яке аз қувваи бузурги ҳаракатдиҳанда ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи устувор гардидани рақобат дар бозор, пеш аз ҳама таъмини бозор бо молҳои рақобатпазир ва хизматрасониҳо пурзуртар мегардад, дар ин асос сифати кор баланд мешавад, хароҷотҳо кам гашта, нархи маҳсулотҳо паст мешаванд. Ҳамаи ин масъалаҳои номбаршуда дар асоси муборизаи рақибон мувофиқи талаботҳои бозор ҳалли худро меёбанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ қонеъ гардонидани талабот ба ниёзи истеъмолкунандагон бо роҳи беҳтарин яъне, бо сифати баланд ва бо нархи паст баровардани молу маҳсулот аз тарафи субъектҳои хоҷагидор вазифаи асосии онҳо ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи мо дар ин ҳангом пеш аз ҳама қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон бо хароҷотҳои камтарин нақши муҳимро мебозад. Дар алоқамандӣ бо ин байни субъектҳои хоҷагидор муборизаи бошиддат ба амал меояд.

Вазъи кунунии масъалаҳои номбаргардида, ҷиҳати ҳалли мушкилот дар илми иқтисодиёти ватанӣ, шаҳодат медиҳад, ки назарияи мукаммали таҳқиқи масъалаи мазкур пешниҳод гардида, муаммоҳои ниҳоят муҳими иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Маҷмӯи ин гуфтаҳо, зарурияти мавзӯи интихобшударо ифода намуда, арзиши илмӣ ва муҳимияти амалӣ доштани онро мефаҳмонад.

Дар баробари ин, барои кишварҳое, ки аз норасоии озуқаворӣ азият намекашанд, яке аз нишонаҳои тамаддун ин афзоиши сатҳи истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ва болоравии талабот нисбати ассортименту сифати он мебошад, ки дар шароити заминистифодабарии экстенсивӣ ва истеҳсолоти анъанавии серхароҷот имконнопазир гардид. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ зарурати таҳияи равиши мукаммали назариявӣ-методологии ҳалли проблемаҳои муҳимтарини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва таъмини аҳолии ҳозира ва наслҳои ояндаро бо озуқаворӣ ба миён меорад.

Масъалаи ташкили чунин механизм вазифаи коркарди назариявии онро пеш мегузорад ва маҳз ҳамин аҳамияти таҳқиқоти мазкурро муайян мекунад. Аҳамиятнокии мавзӯи мазкурро ҳамчунин зарурати равишҳои асоснокшудаи методологӣ доир ба ҷанбаҳои гуногуни ташаккул, рушд, танзим ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва

мукамалгардонии механизмҳои рушди бозори маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва татбиқи стратегияи амнияти озуқаворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон қавитар менамояд. Консепсияи рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ барои давраи то соли 2020, Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 таҳияи чорабиниҳои консептуалию барномавии оид ба татбиқи шаклҳои васеи дастгирии давлатии комплекси агросаноатӣ, банақшагирии рушди устувори онро дар заминаи шарикии мутақобилан судманди давлат бо воҳидҳои истеҳсолӣ-хоҷагии баландтехнология ва рақобатпазир, инчунин ҳавасмандкунии рушди шаклҳои хурди хоҷагидориро дар соҳаи агросаноатӣ пешбинӣ мекунанд.

Бинобар ин самаранокии истеҳсоли маҷмааи агросаноатии кишвар, алалхусус хоҷагии қишлоқ ба самтҳои асосии методологияи муосири илмии қтисодиёт нигаронида шудааст.

Самаранокии идоракунии стратегии корхонаҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама, аз рӯи методологияи асоснок оид ба ҳалли масъалаҳои дар ин самт мавҷудбуда, муайян карда мешавад. Методологияи низоми идоракунии стратегӣ дар таҳияи тавсияҳои илман асосноки мушаххас оид ба самтҳои рушди корхонаҳои кишоварзӣ муносибатҳои методӣ муҳим мебошанд. Доираи муносибатҳои методологӣ бояд аз мантиқ, принсипҳо ва усулҳои идоракунии стратегии корхонаҳои кишоварзӣ дар рушди лоиҳаҳои инвеститсионӣ, пешгӯиҳои рушд ва нақшаҳои сатҳҳои мухталифи идоракунӣ иборат бошад.

Дар кори илмӣ масъалаи идоракунии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС) дар асоси кластеризасияи истеҳсолотва баланд бардоштани маҳсулоти рақобатпазир рушди устувори маҳалҳои минтақаи ҷумҳурӣ чун масъалаи мубраму муҳими илмии иқтисодиёт матраҳ шудааст. Дар сурати ҳалли худро ёфтани масоили ин соҳа некӯаҳволии халқ беҳ мегардад, хоҷагии қишлоқ рушд ва муваффақ ба дастовардҳои хуб мешавад. Аммо дар акси ҳол нобарорию нокомӣ натиҷаи он аст.

Тавре ки қайд кардем, барои ба мақсад расидан бояд аз роҳу усулҳои муосире, ки имрӯз дар муносибатҳои бозорӣ (тиҷоратӣ) ҷой доранд, самарабахш ва оқилона истифода барем. Ин ақида ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам дар таҷриба арзишманд буда, қонуниятҳои худро дороаст.

Дар диссертатсия принсипҳои ташаккули идоракунии стратегии масъалаҳои рушди корхона дар асоси системаи ҳамгироии корхонаҳои агросаноатӣ ва механизмҳои баланд бардории рақобатпазирии рушди устувори хоҷагии қишлоқ хеле хуб арзёбӣ шудаанд. Механизмҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва молиявии иқтисодии сиёсати аграрии инноватсионӣ молистеҳсолкунандагони деҳот дар асоси дурнамои стратегии рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ ва ба ин монанд боиси нигаронӣ мегардад.

Бинобар ин ақидаҳои илмии иқтисодчиён ва тадбирҳои пешниҳодшудаи унвонҷӯ бобати болобарии иқтисодиёти кишвар дар заминаи идоракунии рушди корхона дар асоси кластерикунонии корхонаҳои агросаноатӣ,баланд бардоштани маҳсулоти рақобатпазир дар шароити ҷумҳурӣ, омӯхтани хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти самарабахши бозор боиси дастгирӣ аст. Дар сурати татбиқ гаштани механизмҳои пешниҳодшуда шароитҳои корхонаҳои агросаноатӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, иқтисодиёти кишвар рушд мекунад. Ҷиҳати дастгирии давлатии илми назариявӣ ва амалӣ дар самти татбиқи коркардҳои илмӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ натиҷаҳои хубро ба даст овардан мумкин аст.

Ногуфта намонад, ки дар кори илмӣ таҳлили хусусиятҳои идоракунии стратегии корхонаҳои агросаноатӣ дар шароити бӯҳрони сармоягузорӣ, муайян намудани муносибати нишондиҳандаҳои байни индекси самараноки фаъолият ва нишондиҳандаҳои самаранокии захираҳои корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси моделсозии иқтисодию математики, коркард намудани стратегияи рушди маҷмӯии корхонаҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шарикии иқтисодӣ,таҷдид ва такмилдиҳии самаранокии иқтисодии маҳсулоти рақобатпазир, хусусиятҳои ташаккулёбӣ, роҳҳои такмилдиҳии самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот, ки татбиқи онҳо ба баланд бардории самаранокии маҳсулот оварда мерасонад, дар маҷмӯъ гирифта шудааст. Дар кори диссертатсионӣ роҳҳои баланд бардоштани идоракунии стратегии корхонаҳои агросаноатӣ арзёбӣ ва таҳлилшуда, гузариши кишвар ба муносибаҳои бозорӣ (тиҷорат) чун омили асосии он ба шумор меравад.

Пӯшида нест, ки ба вазъи кунунии идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ баҳо дода, таҳлили сатҳи истеҳсол, дастнорас будани захираҳои молиявӣ барои қисми бештари истеҳсолкунандагони кишоварз, нуқсон дар чораҳои барномавии

дастгирии комплекси агросаноатӣ, мувофиқ набудани тақсимоти маблағҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ба талаботи воқеии субъектони иқтисоди минтақа, инкишофи хизматрасониҳо дар комлекси агросаноатӣ, мусоидати бештар ба рушди соҳибкории хурду миёна тавассути татбиқи барномаҳои гуногуни дастгирии ташаббусоти шахсӣ коркардшуда, таҳлилҳои илман асоснок пешниҳод гардидааст.

Унвонҷӯ тақозо дорад, ки дар асоси таҳқиқоту таҳлилҳои мавҷуда, самтҳои стратегӣ ва роҳҳои баланд бардоштани идоракунии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ҷумҳурӣ нишон дода шуда, самтҳои асосии ташаккули зерсохтори самараноки хоҷагии кишлок коркаршуда, рушди соҳаи мазкур дида мешавад.

Унвонҷӯ далелу мисол меорад, ки таъмини ҷанбаҳои гуногуни ташаккул, рушд, танзим ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхонаҳои комплекси агросаноатӣдар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва мукамалгардонии механизмҳои рушди бозори маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар мавриди амалӣ намудани таъмини амнияти озуқаворим ҷумҳурӣ истифода шуда, ҳамчунин омили муҳими иҷтимоӣ, ки рӯзгори сифатноки кормандони соҳаро таъмин мекунад, ба ҳисоб меравад.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки кластеризатсия дар системаи баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти аграрӣ дар доираи дастгирии давлатӣ барои беҳтаршавии сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ва кафолати бехатарии он барои истеъмолкунандагон зоҳир мегардад.

Дар диссертатсия асоснок шудааст, ки яке аз самтҳои рақобатпазирӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамгироии шаклҳои гуногуни ташкили иқтисодиёти минтақа (соҳибкорони хусусӣ, корхонаҳои хурди хоҷагии қишлоқ, хоҷагиҳои фермерӣ ва ёрирасони шахсӣ, ташкилоти калони истеҳсолию хоҷагии комплекси агросаноатӣ) ба кластерҳои мукаммали дорои сохтори ташкилии уфуқию амудӣ диверсификатсияшуда мебошад.

Аммо мушоҳида мешавад, ки айни замон маҳсулоти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза бештар рақобатпазир гашта, аз ҳисоби паст кардани хавфи иқтисодӣ ва талафотҳои ба он алоқаманд вобастагӣ дорад.

Бинобар ин унвонҷӯ дар диссертатсияи худ роҳҳои ҳалли ин масъаларо арзёбӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ раванду усулҳои асосноки илмию амалӣ барои аз байн бурдани ин мушкилот асос шуда

метавонанд. Нововарӣ, истифодаи усулҳои пешқадами муосир, бакордарорию татбиқи инноватсия замина ва кафолати маҳсулнокӣ, босамар истифода кардани захираҳои моддӣ – техникӣ яке аз самтҳои асосии баланд бардоштани идоракунии корхонаҳо ва маҳсулоти рақобатпазирӣ он аз нуқтаи назари манфиатҳои иқтисодиёти миллӣ барои беҳтаршавии сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ва кафолати бехатарии` он барои истеъмолкунандагон ва баландшавии нишондодҳои сифатии хоҷагии қишлоқ шуда метавонад.

Ин гуфтаҳо бо нишондодҳои рақамӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, тасдиқи худро ёфтаанд.

Унвонҷӯ яке аз роҳҳои идоракуниро, дар мукаммалгардонии муносибатҳои ташкилӣ ва ҷодаи истифодабарӣ ва беҳдошти хоҷагии қишлоқ пешниҳод намудааст.

Кори диссертатсионии мазкур барои пешрафти иқтисодиёти кишвар даричаҳои бозомӯзию роҳандозии усулҳои навини муосирро манзур менамояд. Тамоми ақидаю фикрронихо, пешниҳоду усулҳои татбиқпазир дар натиҷаи таҳлили мӯшфиқонаи унвонҷӯ дар мисоли фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатии кишвар оварда шудаанд. Аз ин лиҳоз, унвонҷӯ бо назардошти тадқиқоту хулосабарориҳои асосноки худ пешниҳод менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди устувори стратегии корхонаҳо, рақобатпазирии маҳсулоти он усулу методҳои навини инноватсионӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Натиҷагириҳои ин раванд аз ҷониби унвонҷӯ нишон дода шудаанд ва ин гуфтаҳо боэътимоду боварибахшанд. Зеро маълумоту иттилооти ин кори илмӣ дар асоси ҳисоботи омории расман эътирофшудаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиалҳои он, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар, маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадқиқотҳои монографии олимони ватанию хориҷӣ, ҳисоботҳои корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, инчунин маводҳои сайтҳои дар ин самт таҳлилшудаи интернетӣ оварда шудаанд.

Тавсияву хулосабарориҳои диссертатсия самараи меҳнати олимони тоҷику рус ва берунмарзӣ буда, имрӯзҳо татбиқ шуда истодаанд.

Кори диссертатсионии Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзӯи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мутобиқ ба талаботи

муқарраршуда дар сатҳи зарурӣ тарҳрезӣ гардида, зимни матраҳнамоии мавзӯъ роҳҳои ҳалли масъалаҳои он ба василаи татбиқи усулҳои навини муосир хеле хуб нишон дода шудааст ва дар маҷмӯъ кории илми итомроташкил медиҳад.

Кори илмии мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, ба корҳои илмӣ (диссертатсияҳо) - и доктори (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (илмҳои иқтисодӣ) мувофиқат мекунад ва онро мавриди муҳокимаи умум қарор додан мумкин аст.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, муовини директор
оид ба илм, таълим ва тайёр кардани
кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзии АИКТ Ш. Т. Одиназода

04.02.2026

ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗИИ АИКТ
ИНСТИТУТ ЭКОНОМИКИ И СИСТЕМНОГО АНАЛИЗА РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ТАСХН
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ - ЗАВЕРЯЮ
Нозири шуъбаи кадрҳо
Инспектор ОК
734049, ш Душанбе, ... х. 306, тел: 236-92-01, 236-37-67